Тавсия ба фермерҳо

Кишти босифат кафолати ҳосили баланд

Пеш аз киштукор, коркарди замин, ки аз таркиби механникии хок ва миқдори алафҳои бегона дар майдони киштшаванда вобаста аст, гузаронида шавад. Заминҳои аз шӯр тоза, муттаносибан замини аз алафҳо озод як ду рӯз пеш аз кишти пахта зарур аст, ки бо сихмолаи каҷу-клеб дуқатора нарм карда, баъд аз он молакуни ба кӯндаланги ва ё уреб ба хатти кишт гузаронида шавад.

Дар заминҳои сералаф пеш аз кишти чигит култиватсия ва ё чизил бо қисммхои кори буришаш ҳамвор гузаронидан зарурият доранд, ва пас аз он нармкуни бо сихмола ва молакуниро мегузаронанд.
Чуқурии култиватсия 6-8 см, чизил кардан 10-12 см мебошад. Чунин тарзи коркарди замин пеш аз кишт ба он қитъахое, ки то шудгори тирамоҳи аз шӯри шуста шудаанд, дахл дорад. Дар ҳолатҳои ҷудогона дар заминҳои аз ҳад зиёд алаф дошта ва ё қитъаҳои хокаш хушк шуда аз нав шудгор кунӣ дар чуқурии 15-20 см ба назар дошта шудааст. Баъдан сихмола ва молакунии хок пеш аз кишт зарур аст.

Коштани тухмии баландсифат ва аз руи қоида тайёр карда шуда дар заминҳои намнок ва хокашон тавсон барвақт ва саросар неш задани чигитро таъмин мекунад, ки ин сабзиш дар охирҳои апрел ва даҳаи аввали моҳи май аён мегардад. Киштро вақти тавсидани хок дар тӯли се рӯз то 12-14 дараҷа гарми дар чуқурии 10 см, гузаронидан муҳим мебошад. Мӯҳлати оптималии кишти пахта барои ноҳияҳои Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов ва Спитамен даҳаи дуюм ва сеюми апрель мебошад. Маъракаи киштро дар муҳлати кӯтоҳ гузаронида ва онро дар давоми 8-10 рӯз ба анҷом расонидан зарур аст. Киштро дар навбати аввал дар заминҳои хокаш сабук ва қумзамин гузаронидан тавсия дода мешавад, ки он заминҳо пештар гарм шудаанд. Барои он, ки сабзиши хуб ва зиччии мӯътадили ниҳоли пахта таъмин карда шавад, зарур аст, ки чигит якхела ба чуқурии 4-5 см дар заминҳои хокашон сабук ва қумнок, ва дар заминҳои хокашон вазнин ва сатҳи оби зеризаминиашон баланд дар чуқурии 3-4 см кошта шавад. Чигитро пеш аз кишт дар давоми 10-12 соат тар кардан зарур аст. Дар заминҳои хокаш хушк агар имконияти мондани оби баъд аз кишт набошад ва дар заминҳои тагнам пеш аз кишт чигитро тар кардан маслиҳат дода намешавад.

Кишти тухмии луч муҳим аст 5-6 рӯз дертар назар ба чигитҳои мӯякдор гузаронида шавад. Дар вилояти мо одатан тарзи гузаронидани кишти саросари қатори истифода бурда мешавад. Дар ин ҳолат сарфи тухми дар 1 га. аз 80 то 100 килограмро ташкил медиҳад. Зарур аст, ки кишт ба воситаи тухмипошакҳои нагз танзимшудаи СТХ-4 гузаронида шавад.

Баъди анҷоми кишт ҳолати тухмиро дар кабати хок бо таври мунтазам бояд назорат кард. Дар ҳолати боридани борони бисьёр баъди кишт, ба зудди сафолакҳои рӯи хокро шикастан зарурат пеш меояд, ва дар нарасидани нами бошад обёрии ҷуяк дар миёнро бояд ташкил кард. Агар ғафсии сафолаки хок 3-4 см ва зиёдтар бошад, ба хушкшавии хок роҳ надода заминро нарм кардан зарур аст. Барои озод кардани замин аз сафолак то неш зада баромадани чигит аз сихмолаҳои качу - килеб истифода бурда ба кундалангии майдон сар медиҳанд ва дар ҳолати неш зада сабзидани чигит бошад аз каланди ротатсионӣ истифода мебаранд. Ситорачахои каланди ротатсионӣ ба чуқурии 4-6 см мутобиқ карда мешавад.

Дар ҳолати дер мондан ба сафолакшикани ва сахт гардидани сафолакҳои киштзор майдонро обёрӣ намуда ва бо фарорасии омодашавии хок ба корҳои сафолакмайдакуни

сар кардан муҳим мебошад. Муҳлати оптималии баамалоии сабзиш 8-12 рӯз ташкил менамояд.
Шарти аз ҳама муҳими тез гардондани инкишофи сабзиши ниҳол ва ҳосили фаровони пахта ягонакунии саривактии ниҳолҳо мебошад. Муҳлати беҳтарини ягонакунии ниҳоли пахта-сабзиши саросар, давраи тухмпаллагӣ аст. Ин тадбир бояд на дертар аз 2-3 барги ҳақиқи баровардани ниҳол гузаронида шавад. Баъди ягонакунӣ дар як метри тӯлонии байни катораш 60 сантиметра 6-8 ниҳоли дурусту хуб нашъунамо кардаро мондан тавсия дода мешавад.

С.И. Исомутдинов,
номзади илми хоҷагии қишлоқ, доцент
директори
ташкилои чамъиятии «Мушовири
Ирригатсиони Аграрӣ»